**DOI10.24412/2411-1945-2022-3-130-136**

## БАЪЗЕ МУЛОҲИЗАҲО ОИД БА ТАЪСИРИ ВАО ДАР РАВАНДИ ТАШАККУЛИ АФКОРИ СИЁСИИ ШАҲРВАНДОН

***Саидзода Шуҳрат Шукур,*** *н.и.с., дотсент, мудири кафедраи сиёсатшиносии ДДҲБСТ (Тоҷикистон, Хуҷанд)*

## НЕКОТОРЫЕ СООБРАЖЕНИЯ О ВЛИЯНИИ СМИ НА ПРОЦЕСС ФОРМИРОВАНИЯ ПОЛИТИЧЕСКОГО МЫШЛЕНИЯ ГРАЖДАН

***Саидзода Шухрат Шукур,*** *канд. полит. наук, зав. кафедрой политологии ТГУПБП (Таджикистан, Худжанд)*

## CERTAIN CONSIDERATIONS CONCERNING MM INFLUENCE OVER THE PROCESS OF FORMATION OF CITIZENS' POLITICAL THINKING

***Saidzoda Shuhrat Shukur,*** *candidate the sciences of economics, head of the chair of politology under TSULBP (Tajikistan, Khujand)E-MAIL: shuhratst@mail.ru*

***Ключевые слова:*** *СМИ, политическое мышление граждан, информационное общество, информационная война, информационно-коммуникационные технологии, информационная безопасность, государство*

*Изучение влияния СМИ на процесс формирования политического мышления граждан является относительно новым направлением по сравнению с большинством политических вопросов, и сегодня, в условиях становления информационного общества и информационных войн между мировыми державами, его научное рассмотрение становится чрезвычайно актуальным. На формирование и развитие политического мышления граждан влияют различные факторы, в том числе средства массовой информации, которые сегодня рассматриваются исследователями как четвертая ветвь власти. Влияние СМИ на изменение политических взглядов граждан сильнее, чем любых других средств, а формирование у них политической идеологии зависит от вида информации. Развитие информационно-коммуникационных технологий позволяет людям, независимо от их социального статуса и географического положения, повысить свои политические знания и в свою очередь выразить свои взгляды на различные политические вопросы. В случае низкой медиаграмотности вредная информация может изменить сознание людей, угрожать стабильности и общественной безопасности и тормозить прогресс государства. В связи с этим развитые страны наращивают возможности своих СМИ для достижения собственных геополитических целей за счет увеличения финансовых затрат. Существование вакуума в информационном пространстве создает предпосылки для распространения чуждой обществу идеологии и подрывает политическое единство и стабильность общества. В этом контексте развивающиеся страны, такие как Таджикистан, за счет увеличения возможностей СМИ могут способствовать формированию здорового политического мышления граждан и защите их информационной безопасности.*

***Калидвожаҳо:*** *ВАО, афкори сиёсии шаҳрвандон, ҷомеаи иттилоотӣ, ҷанги иттилоотӣ, технологияи иттилоотию коммуникатсионӣ, амнияти иттилоотӣ, Ҷумҳурии Тоҷикистон*

*Таҳқиқи мавзӯи таъсири ВАО ба раванди ташаккулёбии афкори сиёсии шаҳрвандон дар муқоиса ба бештари масъалаҳои сиёсӣ нисбатан нав буда, имрӯз дар шароити*

*ташаккули ҷомеаи иттилоотӣ ва ҷангҳои иттилоотии байни қудратҳои ҷаҳонӣ баррасии илмии он муҳим ба назар мерасад. Ба ташаккул ва рушди тафаккури сиёсии шаҳрвандон омилҳои мухталиф, аз ҷумла ВАО, ки имрӯз онҳоро муҳаққиқаи чун шохаи чоруми ҳокимият баррасӣ мекунанд, таъсир мерасонанд. Таъсири ВАО дар дигаргунсозии афкории сиёсии шаҳрвандон аз ҳар воситаҳои дигар бештар буда, шаклгирии мафкураи сиёсии онҳо аз чигунагии навъи иттилоот вобастагии зиёд дорад. Рушди технологияи иттилоотию коммуникатсионӣ имкон фароҳам овард, ки одамон новобаста аз мавқеи иҷтимоӣ ва макони ҷойгиршавии ҷуғрофиашон донишҳои сиёсии худро баланд бардошта, дар навбати худ, нисбати масъалаҳои мухталифи сиёсии ҷомеа назару андешаи хешро изҳор намоянд. Дар ҳолати паст будани саводи расонаии одамон иттилооти бегонаву зарарнок метавонад тавассути дигаргун сохтани афкори онҳо, ба суботи амнияти ҷомеа хатар эҷод намуда, садди роҳи пешрафти давлат гардад. Вобаста ба ин давлатҳои пешрафта барои амалӣ намудани ҳадафҳои геополитикии худ, бо роҳи сарфаи зиёди маблағ торафт тавонмандии ВАО-и худро боло бурда истодаанд. Ҷой доштани холигӣ дар фазои иттилоотӣ ба паҳншавии идеологияи барои ҷомеа бегона замина фароҳам оварда, ба ягонагиву суботи сиёсии ҷомеа рахна ворид месозад. Дар ин қарина давлатҳои рӯ ба рушд, ба мисли Тоҷикистон бо роҳи боло бурдани иқтидори ВАО метавонанд ба ташаккулёбии афкори солими сиёсии шаҳрвандон мусоидат намуда, амнияти иттилоотии хешро ҳимоя намоянд.*

***Key-words**: MM, political thinking of citizens, informational society, informational war, informational-communicational technologies, informational security, state*

*The studies concerned with MM influence over the process of formation of citizens' political thinking are relatively new ones in comparison with the majority of political issues and today, under the conditions of informational society formation and informational wars between powers, its scientific consideration becomes extraordinarily actual. Different factors, mass media inclusive, affect the information and development of political thinking; the latters being canvassed today by researchers as the fourth branch of power. MM sway over changes in regard to citizens' political views is stronger than that one of other media and formation of political ideology depends on a type of information. Development of informational-communicational technologies affords people to elevate their political knowledge irrespective of their status and geographical location, and further on, to express their viewpoints in reference to diverse political issues. In case of poor media literacy obnoxious information can change people's consciousness, threaten stability and social security, inhibit state progress. In relation to it developed countries accrue their MM potentialities for attainment of their own geopolitical aims at the expense of augmentation of financial expenditures. The existence of vacuum in the informational space creates prerequisites for dissemination of ideology, foreign to society, and undermines its political unity and stability. In this context such developing countries as Tajikistan can promote a formation of sound political opinion of citizens and defence of their informational security at the expense of the enhancement of MM potentialities.*

Имрӯз дар шароити рушди технологияи иттилоотию иртиботӣ (ТИИ) ҳар шаҳрванд имкон дорад, дар баробари омӯзиши фанҳои ҷомеашиносӣ дар раванди таҳсил, инчунин бо воситаи мутолиаи шакли электронии адабиёти сиёсӣ, сабтҳои аудиоӣ ва бо тамошои наворҳои видеоӣ дониши сиёсии хешро такмил дода, сиёсат, давлат, ҳокимият ва масъалаҳои сиёсиро дуруст дарк намуда, бо доштани сатҳи зарурии маърифати сиёсӣ ҳамчун субъекти сиёсӣ дар ҳаёти сиёсии ҷомеа ва давлат ширкат намояд.

Яке аз ҷиҳатҳои мусбати кор бо ТИИ, мушахассан бо шабакаҳои иҷтимоӣ аз он иборат аст, ки шахс бевосита дар алоқаву муошират бо дигар субъектони

истифодабаранда қарор дорад. Шахс дар поёни хоҳ маводи тасвириву навори̅, хоҳ матн метавонад андешаву назари хешро баён ва масъалаҳоро арзёби̅ намояд. Набудани маҳдудият то ба андозае шахсро барои ширкат намудан дар баҳсу баррасиҳои мавзуъҳои ҷомеа фаъол менамояд. «Маҳдудият дар интернет аз он ҷиҳат камтар аст, ки дар он байни муаллифи иттилоот ва истеъмолкунанда робитаи байниҳамдигари̅ вуҷуд дорад. Агар ВАО-и анъанави̅ намунаи алоқаи якҷониба бошанд, шабакаи интернети̅ (албатта, на ҳамааш) имконияти гуфтугӯ, радду бадали андеша оид ба масъалаҳо, баҳс намуданро дорад. Дар шабака хонанда бо гузоштани назари хеш ва мақолаи ҷавоби̅ худ муаллиф буда метавонад» [2, с.136].

Дар давраи соҳибистиқлолии кишвар, бинобар қабул гардидани роҳи бунёди ҷомеаи демократи̅, расман сензураи давлат нисбати маводи ВАО аз байн бардошта шуд, ки имкон дод, торафт мақоми он дар дигаргунсозии ҳаёти ҷомеа фаъол гардад. Дар давраи Шӯрави̅ тавассути ВАО идеологияи ягонаи коммунисти̅ тарғиб мешуд, аммо бо назардошти низоми демократи̅ пайдо гардидани ВАО-и мустақил ва гуногунандешии сиёси̅ фазои иттилорасонии кишварро чандранг намуд. «ВАО ҳамчун воситаи паҳнкунии иттилоот бояд дар дасти қувваҳои солим ва ватандӯст бошанд» [4, с.109].

Пайдо гардидани Интернет, аз як тараф, ба шаҳрвандон имконият фароҳам овард, ки бе мамоният ба ҳамаи маълумотҳо дастраси̅ пайдо намоянд ва, аз ҷониби дигар, таъсири манфии иттилооти мухталиф ва ҳатто зарарнок ба афкори ҷомеа имконпазир гардид. Ҷавонон аз Интернет, шабакаҳои иҷтимои̅ ба таври оммави̅ истифода мебаранд, ки чунин ҳолат хоҳу нохоҳ дар раванди ташаккули афкори онҳо таъсири назаррас мерасонад. Ҳоло таъсири он дар тарғиби шакли рафтор, тарзи рӯзгордори̅ ба назар расида, ҳатто оид ба чи тавр хушбахт зиндаги̅ кардан ва либоспӯши̅ маслиҳатҳои муфид медиҳад. Мутаассифона, барои ҳамаи мардум воқеи̅ гаштани реклама номумкин аст. Мутаассифона, ҷавонони ноогоҳ ба реклама эътимод намуда, мехоҳанд зиндагии худро аз рӯи тарғибот шакл диҳанд, ки дар натиҷа он ба муаммои гуногуни иҷтимоиву равонии шахс ва оилаҳо оварда расонидааст.

Бо пайдоиши Интернет дастрасии шаҳрвандон ба сарчашмаи гуногуни донишу иттилоот имконпазир гардид. Аммо, аз тарафи дигар, ҳеҷ кас то он ҳадде фикр намекард, ки таъсири он ба ташаккули афкор, тарзи рафтори мардум ба мисли имрӯза имконпазир мегардад. Ҷавонони имрӯза бо Интернет ва шабакаҳои иҷтимои̅ алоқаи зич доранд ва зиёд будани ҳаҷми бузурги иттилоот ба дурусту нодуруст ҷудо намудани онро мушкил гардонидааст. Чунин ҳолат ба давлатҳои қудратманде, ки ба соҳаи ВАО маблағҳои зиёд равона менамоянд, имкон додааст, ҳарчи бештар ба мардум таъсир расонанд. Аммо, давлатҳои рӯ ба рушд, ки аз ҷиҳати молиявию иқтисоди̅ заиф ҳастанд, имкон намедиҳад, ки амнияти иттилоотии худро ба таври зарури̅ ҳимоя карда бошанд. Набудани базаи зарурии моддию техники̅, мутахассисон соҳибтаҷриба ва мушкилоти маблағгузори̅ дар фаъолгардии воситаҳои иттилотии давлтиву хусуси̅ монеа мегардад.

ВАО, интернет аслиҳаи тавоно буда, дар ташаккули афкори оммаи мардум нақши назаррас доранд ва ақидаи оммаро нисбати ҳар гуна масъалаҳо ба самти дилхоҳ равона месозанд. Ҳоло дар назди давлат масъалаи ташаккули афкори солими шаҳрвандон ва ба самти корҳои созанда равона сохтани нерӯи бузурги фикриву ҷисмонии онҳо қарор дорад. Зеро, рӯз аз рӯз зиёд гардидани нақши иттилооти бегона, ки дар он асосан ҳадафмандона ва манфиати қудратҳои муайян тарғиб мешавад, дар дарозмуддат

метавонад ба рушди ҷомеа халал ворид созад.

Ҳоло манфиатҳои тиҷоратӣ дар ВАО боис гардидааст, ки одамон торафт рӯ ба фарҳанги зиёдаталбӣ, истеъмолгароӣ оварда, нисбат ба арзишҳои умумиҷамъиятӣ камтар таваҷҷӯҳ намоянд. Ҳоло дар фаъолияти ВАО, Интернет манфиати ширкатҳои тиҷоратӣ бисёр назаррас буда, рекламаҳои бузурги онҳо, ки ҳамчун тарғибгари арзишҳо баромад менамояд, рӯ ба рӯи анъанаи ҷомеа дар зиддият қарор доранд.

Аз нигоҳи муҳаққиқон ВАО ҳам аз ҷиҳати манфӣ ва ҳам ба таври мусбат ба ҳаёти ҷомеа таъсир дорад. Ҷанбаи созандагии ВАО дар он ифода меёбад, ки тамоми соҳаҳои мухталифи ҷомеаро ба ҳам оварда, онҳоро дар арсаи байналмилалӣ муаррифӣ менамояд. Ҳамзамон ВАО метавонанд дар ҷомеа нақши харобовар дошта бошанд. Дар ВАО ҳадафҳои сиёсии давлатӣ ғайривоқеӣ ва муғризона шарҳ ёбанд, пас чунин амалҳоро ҳамчун омилҳои харобиовар дар ВАО метавон арзёбӣ намуд [1, с.137].

Дар шароити рушди ҷомеаи иттилоотӣ боло бардоштани сатҳи огоҳӣ ва маърифати сиёсӣ, махсусан саводи расонаии шаҳрвандон, аз ҷумла, насли ҷавон бисёр муҳим ба назар мерасад. Ҳоло ба иттилоот аз рӯи пурра ҳақиқат будани маводе назар кардан номумкин аст, зеро ҳар як расона метавонад мақсадҳои муайян дошта, маводи ҳадафманд пешкаш намояд, ки онҳо на ҳама вақт воқеӣ ва ба манфиати истифодабаранда аст. Лозим аст, ки ашхоси ҷомеа, хосатан насли ҷавон соҳиби дониши баланди сиёсӣ ва тафаккури интиқодӣ бошанд. Дониши сиёсӣ имкон медиҳад, ки ба ҳар гуна маълумоти махсусан сиёсӣ дуруст сарфаҳм равем. Дар навбати худ тафаккури интиқодӣ имкон медиҳад, ки шахс ба иттилоот аз нигоҳи шак муносибат намуда, онро на ҳама вақт ҳамчун ҳақиқат пазирад. Вагарна, зудбоварӣ ба ҳар гуна маълумот боиси ба доми фиреби сиёсӣ афтодани шаҳрвандон ва инкишофи афкори нодурусти мардум мегардад.

Муаммои дигар – зиёд будани ҳаҷми иттилоот боиси он гардидааст, ки шахс наметавонад моҳияти иттилоотро то ба охир дарк карда, нисбати ҳодисаҳои атроф хулосаи зарурӣ барорад. Пайваст будани телефонҳои мобилии аксарият шаҳрвандон ба интернет, шабакаҳои иҷтимоӣ, нохоста ба зеҳни ҳар як истифодабаранда таъсир дорад ва фурсат дода намешавад, ки шахс онро дуруст дарк намуда, баҳои воқеӣ диҳад. Барои муқоиса, агар шумораи муштариёни алоқаи телефонӣ соли 1991 ҳамагӣ 277 ҳазор нафарро ташкил карда бошад, пас дар соли 2021 шумораи танҳо муштариёни алоқаи телефонии мобилӣ ба беш аз 8 миллион нафар расидааст. Истифодабарандагони шабакаи интернет дар кишвар зиёда аз 4,2 миллион нафарро ташкил медиҳанд [3]. Дар асл ин рақамҳо рӯз ба рӯз ба самти афзоиш тағйир меёбанд.

Ду ҳолати пешниҳоди маводи ВАО ҷой дорад: Аввалан, иттилооти ВАО хусусияти иҷтимоӣ дошта, он ифодакунандаи воқеияти ҳақиқии тамоми ҳаёти ҷомеа аст ва бояд ҳатман чунин бошад. Баъдан, маводи ВАО метавонад ифодакунандаи манфиатҳои сиёсӣ, идеологӣ, тиҷоратӣ, хизматӣ, тарғиботӣ ва ғ. бошад. Масалан, дар бораи як ҳодисаи сиёсӣ ВАО-и гуногун бо назардошти манфиатҳояшон аз ҳар мавқеъ хабарро пахш ва шарҳу тафсир менамоянд. Барои мисол, ҳодисаҳои охири Украина, ки аз тарафи шабакаҳои телевизиониву интернетии давлати Русияву Украина ва ҷаҳон ба таври гуногун инъикос ва шарҳу тафсир дода мешавад.

ВАО ба ҳар бобат дар ташаккули донишҳо ва афкори сиёсии шаҳрвандон нақши назаррас доранд. Ҳоло аксарияти шаҳрвандон аз ин ё он шакли ВАО иттилоот ба даст меоранд. «Одамон аз васоити ахбори омма бисёр баҳра мебардоранд, мавқеъ ва нуқтаи назари сиёсии худро тағйир медиҳанд. Нақши ВАО махсусан, дар давраҳои гузариши инкишофи ҷамъият назаррас аст, зеро бе фаъолияти босамари онҳо тағйир додани шуури сиёсӣ, арзишҳо ва ҳадафҳои табақаҳои васеи аҳолӣ ва дастгириии сиёсати дигаргунсозиҳои

иҷтимоию иқтисодӣ номумкин аст» [6, с.31].

Рушди ВАО-и электронӣ имкон фароҳам намуд, ки одамон саривақт маълумоти заруриро ба даст оранд ва аз ҳар ҳодисаҳо новобаста аз ҷои зисташон зуд бохабар гарданд. Шаҳрвандон ба маълумоти аз ВАО дидаву шунидаашон бовар намуда, ба онҳо баҳомедиҳанд ва хулосаи худро мебароранд. Агар дар замони шӯравӣ танҳо як манбаи иттилоотӣ, яъне матбуот ва радиотелевизиони давлатӣ мавҷуд бошад, ҳоло баробари ВАО-и давлатӣ, мустақил ва шабакаҳои ҷаҳонӣ ба монанди BBC, CNN, Радиои озодӣ, EURONEWS ва ғ. дар фазои иттилоотии Тоҷикистон фаъоланд. Ба яке аз шабакаҳо ва барномаи сиёсӣ рӯ овардан метавонад боз ҳам шахсро зери таъсири манфиати гурӯҳи муайяни сиёсӣ, элитаи сиёсии ҳукмрон қарор диҳад. Зеро барномаи сиёсии ин ё он шабака манфиати гурӯҳи муайянро ҳимоя менамояд.

Имрӯз ВАО дар дигаргунсозии назари одамон нисбати ҳодисаҳои сиёсӣ, сарварони сиёсӣ ва ҳизбҳои сиёсӣ таъсири фавқулода доранд. Одамон дар шароити ҷомеаи иттилоотӣ асосан маълумотро аз ВАО ба даст меоранд ва вобаста ба иттилоот назари худро дигаргун месозанд. ВАО метавонанд, иттилооти бардурӯғ ва ғайривоқеиро оид ба ҳодиса ва ё шахсиятҳои сиёсӣ ба истеъмолкунандагон пешниҳод созанд. Махсусан дар давраҳои интихобот барои ба даст овардани ғолибияти номзад ва ё ҳизб истифодаи чунин фиреби сиёсӣ бештар ба назар мерасад.

Имрӯз мақоми ВАО-и электронӣ, Интернет дар баробари дигар воситаҳои ташаккулдиҳандаи афкору рафтори шаҳрвандон дар дигаргунсозиҳои ҳаёти ҷомеа бисёр назаррас мебошад. Бештар вақт шабакаи Интернет аз тарафи созмону ташкилотҳо ва гурӯҳҳои муайян дар самти харобкорӣ, ба миён овардани бетартибиҳо, коста намудани эътимоду боварии шаҳрвандон нисбати ҳокимияти сиёсӣ истифода мегардад. Бархе аз ҷавонони ноогоҳ шояд дарк намекунанд, ки ҳамаи ин тарғибот, таъсиррасонии равонӣ барои ба даст овардани маблағ ва ба манфиати ширкати муайян равона шудаанд ва ҳадафи аслиашон танҳо хароб намудани суботи сиёсӣ, амнияти миллӣ ва монеа эҷод намудан дар амалӣ гардидани манфиатҳои миллии кишвар мебошад.

Вазъи ба миёномада ВАО-и дохилӣ кишварро водор месозад, ки дар навбати худ барномаҳои барои ҷомеа муфидро таҳия ва манзури тамошобинон намоянд. Зеро пешгирӣ накардани ин тамоюл оқибатҳои нохуш дорад ва зарари он, пеш аз ҳама, ба худи ҷомеа аст. Пурранг намудани барномаҳои маърифатӣ-адабӣ ва тарбиявӣ барои шарҳи дурусти вазъи воқеии замони муосир бисёр зарур ба назар мерасад. Кори аввалиндараҷаи ВАО бо роҳи ҷалби мутахассисон инъикос намудани воқеияти ҷанбаҳои ҳаёти ҷомеаи муосир ва дуруст расонидани сиёсати давлатӣ ба шаҳрвандон мебошад.

Бояд гуфт, ки зиёд будани тафовути иттилооти байни барномаҳои телевизиони давлатӣ ва мустақил метавонад назари мардумро ба сиёсати давлат ба таври манфӣ ташаккул дода, эътимоди онҳоро нисбати ВАО-и давлатӣ аз байн барад. Инчунин, фарқ доштани иттилооти байни телевизион ва интернет шаҳрвандонро ба дуроҳа мегузорад, ки онҳо ба кадом маълумот бовар намоянд. Муҳаққиқ Ахмедов Ш.Р. дуруст зикр намудааст: «Агар итилооти расмию сиёсӣ, интишори хабару мақолаҳо дар фаъолияти васоити ахбори омма дар радифи таҳлилҳои объективона, холисона, исботкорона ва баҳогузории одилона нашр ва пахш карда шаванд, обрӯ ва нуфузии матбуот дар ҷомеа боз ҳам дучанд мегардад. Ҳамзамон, барои ҳамагон имкон пайдо мешавад, ки ба иттилоот ва тасвири мавод дар муқоиса баҳогузорӣ намоянд,

иттилооти воқеиро аз хабари ғайриобъективӣ ҷудо намоянд» [1, с.138].

Барои он, ки шаҳрвандон бештар ба телевизионҳои давлатӣ бовар намоянд, барномаҳои аз ҳар ҷиҳат ба талаботи замон мутобиқ карда шаванд. Агар телевизионҳои дохилӣ ниёзҳои мардумро қонеъ накунанд, он гоҳ эҳтимоли зиёди зери таъсири ВАО-и хориҷӣ ба вуҷуд меоянд ва он аксар вақт бар зарари манфиатҳои ҷомеа хоҳад буд. «Таҷрибаи таърихӣ нишон медиҳад, ки ВАО қодиранд мақсадҳои гуногуни сиёсӣ, ба монанди чӣ тавр мардумро маълумотнок кардан, дар онҳо тарбия намудани ҳисси худшиносӣ, ба даст овардан ва таъмини баробарии иҷтимоӣ, дар шуур ва рафтори омма тарбия намудан ва ба ваҳм овардани одамон, парваридани мафкураи бадбинии одамон нисбат ба якдигар ва гурӯҳҳои иҷтимоию этникиро иҷро кунанд» [5, с. 302].

Таҳкими амнияти иттилоотии кишвар ва бо ин мақсад пурқувват намудани ВАО, барномаҳои маърифатӣ, сиёсиву фарҳангӣ ва иқтисодӣ-иҷтимоии телевизионӣ бисёр муҳим буда, бо ин роҳ метавон сатҳи маърифатнокӣ ва ҳисси ватандӯстии аҳолиро боло бардошт. «Воситаи ахбори оммаи озод натанҳо барои рӯзмонанигорон зарур аст, балки дар ҷомеаи мутараққӣ он ҷузъи ҷудонопазири равандҳои сиёсӣ маҳсуб мешавад, ки барои баҳси ошкорои миёни қувваҳои гуногуни сиёсӣ ва чараёнҳо замина мегузорад. Васоити ахбори оммаи озод ҳамчун танзимгари проблемаҳои сиёсӣ ва иқтисодӣ баромад намуда, ба аҳолӣ имконияти озодона баррасӣ кардани фикру ақидаи худро медиҳад» [6, с.86]. Барномаҳои телевизионӣ бояд тарзе таҳия гарданд, ки тамошобин аз якрангии онҳо дилгир нагардад. Инчунин барои баланд бардоштани майли шаҳрвандон ба ВАО-и дохилӣ ба эътибор гирифтани талаботи замон ва манфиатҳои шаҳрвандон бисёр муҳим мебошад. Имрӯз барои манфӣ ва ё мусбат ҷилва додани масъала ба чашми мардум асосан ВАО-ро истифода мебаранд ва воситаи воқеан ҳам таъсиррасон будани он дар амалия исбот шудааст.

Хулоса, торафт афзудани нақши ВАО дар равандҳои сиёсӣ, дигаргуниву тағйироти соҳаҳои ҳаёти ҷомеа ва давлат, боло бардоштани сатҳи тавоноии расонаҳои дохилӣ, тақвият бахшидани барномаҳо, ҳарчи бештар фарогир намудани доираи пахши мавҷҳои телевизионӣ дар ҳудуди мамалакат ва бо ин восита бо назардошти замони муосир таъмин намудани шаҳрвандон бо иттилооти саривақтию маърифатӣ бисёр муҳим ба назар мерасад. Бо чунин роҳ метавон, дар ташаккули афкори солиму созанда ва маърифати сиёсии мардуми Тоҷикистон таъсири назаррас гузошт.

**Пайнавишт:**


1. *Ахмедов, Ш.Р. Мақом ва нақши васоити ахбори омма дар сиёсат / Ш.Р. Ахмедов. – [Матн] // Паёми ДМТ. – 2014. – №3-8. – С.137-140.*
2. *Ильин, А.Н. Интернет как альтернатива политически ангажированным СМИ / А.Н. Ильин. – [Матн] // Полис. Политические исследования. – 2012. – №4. – С. 126-136.*
3. *Паёми Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, Пешвои миллат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон «Дар бораи самтҳои асосии сиёсати дохилӣ ва хориҷии ҷумҳурӣ» аз 21.12.2021 // Сомонаи расмии Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон. – URL: http://president.tj/node/27417) (санаи муроҷиат: 01.04.2022). – [Манбаи электронӣ]*
4. *Фаттоҳзода, С.С. Ҳамдамов Б., Саидов С. Давлат, сиёсат, ҷомеа / С.С. Фаттоҳзода, Б.Ҳамдамов, С.Саидов. – [Матн]. – Хуҷанд: Ношир, 2018 – 616 с.*
5. *Шарифов, Ш.Ҷ. Нақш ва вазифаҳои ВАО дар равандҳои сиёсии ҷомеаи муосир / Ш.Ҷ. Шарифов. – [Матн] // Паёми ДМТ. – 2016. – №2-8. – С. 299-303.*
6. *Якубов, Ҷ.К. Ҳокимияти чаҳорум / Ҷ.К. Якубов. – [Матн]. – Хуҷанд: Ношир, 2017. – 180 с.*

***Reference Literature:***

1. ***Akhmedov Sh. R**. The Role and Place of Mass Media in Politics// Sh.R. Akmedov. – [Text]// Polis Political Explorations. – 2014, №3-8 – pp. 137-140*
2. ***Ilyin A.N.** Internet as Alternative to Political Explorations – 2012, №4. – pp. 126-136*
3. *The Message of Tajikistan Republic President, Leader of the Nation, Reverend Emomaly Rahmon "**On Principal Streamlines of Internal and Foreign Policies of the Republic**" from 21.12.2021//Official site of Tajikistan Republic President. – URL: http://president.tj/node/27417 (Date of appeal: 01.04.2022.) – [Electronic resource]*
4. ***Fattohzoda S.S., Hamdamov B., Saidov S**. State. Politics. Society// **S.S. Fattohzoda, B. Hamdamov, S. Saidov.** – [Text] – Khujand: Publisher. 2018. – 616 pp.*
5. ***Sharifov Sh. Dj**. The Role and Significance of MM in the Political Course of Contemporary Society// Sh. Dj. Sharifov. – [Text]// Tidings of TNU (Tajik National University). – 2016. - №№ 2-8. – pp. 299-303*
6. ***Yakubov Dj.K**. The Fourt Power// Dj.K. Yakubov. – [Text]. – Khujand: Publisher, 2017. – 180 pp.*